# НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР ПЕШГИРИИ КОРРУПСИЯ

Таҳти ин унвон 9-уми декабри соли равон дар назди кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии ДДМИТ маҳфили илмии донишҷӯён таҳти унвони «Қонундон» дар мавзуи «Нақши ҷавонон дар пешгирии коррупсия, терроризм, ифротгароӣ ва нашъамандӣ» бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналхалқии мубориза бо коррупсия доир гардид.
Нахуст, омӯзгори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва муқовимат бо коррупсия Гулрухсор Баротова иброз дошт, ки коррупсия, терроризм ва нашъамандӣ се зуҳуротест, ки на танҳо рушди иқтисодиву иҷтимоии давлатҳоро бозмедорад, балки фарҳанг, амният ва ояндаи миллатро зери хатар мегузорад. Нақши ҷавонон дар пешгирии ин хатарҳобузург ва сарнавиштсоз мебошад.
Ҷавонон неруи пешбаранда, ояндаи миллат ва сармояи асосии давлат мебошанд. Агар ҷавонон бо маърифати ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, дониш ва мсъулиятшиносӣ мусаллаҳ бошанд, ҷомеа аз фишори коррупсия, хатарҳои терроризм ва балои нашъамандӣ эмин мемонад.
Мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва муқовимат бо коррупсия Субҳоналӣ Мирзоев зикр кард, ки ҷавонон дар мубориза бо коррупсия нақши муҳимро мебозанд. Онҳо бояд қонунҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро донанд ва аз ҳар гуна амалҳои ғайриқонунӣ канорагирӣ намоянд.
Инчунин, муовини декани оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии ДДМИТ Раҳматулло Қаландаров баромад намуда, ибрози ақида кард, ки терроризм имрӯз яке аз хатарҳои глобалӣ мебошад. Ҳадафи асосии гурӯҳҳои ифротӣ маҳз ҷавонон мебошанд, зеро баъзе ҷавонони зудбовар ба тағйироти иҷтимоӣ ҳассосанд. Барои муқовимат бо ин хатар ҷавонон бояд фаҳмиши дуруст дошта бошанд.
Дар идомаи маҳфил донишҷӯёни зерин - Оқилова Гулноза дар мавзуи “Нақши ҷавонон дар пешгирии коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Ҳаймаҳмадов Муҳаммад дар мавзуи “Нақши ҷавонон дар пешгирии терроризм, ифротгароӣ” ва Аброрзода Сомон дар мавзуи “Нақши ҷавонон дар пешгирии нашъамандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” баромад намуданд.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**






40001011















